**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
н.и.ф.-м., дотсент Наҷмиддиниён А.М.
_____________ 24 январи соли 2025

ХУЛОСАИ

шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи унвонҷуйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзӯи "Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна соли 2003 ба Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2008 онро бо ихтисоси психолог-муаллим хатм намудааст. Соли 2014 Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ихтисоси идоракунии давлатӣ ва соли 2017 Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзамро бо ихтисоси таърихи ислом ва диншинос хатм кардааст.

Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна соли 2018 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии ДДОТ ба номи С. Айнӣ (фармоиш аз 25.12.2018, №636 ОД) қабул шуда, соли 2021 ба шуъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (фармоиш аз 13.03.2021, №155 ОД) интиқол ёфта, фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст.

Имтиҳонҳои номзадиро бомуваффақият бо баҳоҳои зерин супоридааст:

- Таърих ва фалсафаи илм – "4" (хуб) – 20.05.2019;
- Забони хориҷӣ (англисӣ) – "4" (хуб) – 23.11.2021;
- Ихтисос: 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ,( 13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) – "5" (аъло) – 20.05.2022.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадиро Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз 03.01.2023, №76 додааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иматзода Л.М. мебошанд.

Шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионии Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевнаро бо иштироки муқарризони холис Давлатшоев И. - доктори илмҳои педагогӣ, ходими калони шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим; Ҳакимова Ҷ. – номзади илмҳои педагогӣ, сармутахасиси шуъбаи педагогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод.

Унвонҷӯ Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна оид ба мазмуни мухтасари диссертатсия, муҳимият ва навгонии таҳқиқот, натиҷаҳои дар раванди корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ бадастовардаи худро иброз намуд. Диссертатсияи мазкур мубрам ва ба талаботи замон мувофиқ буда, тарбияи маънавию ахлоқии насли наврас ҳамчун рукни асосии давлатдории миллӣ дар рушди ҷомеаи муосир яке аз самтҳои асосӣ маҳсуб меёбад. Дар ин зимн, бо такя ба таълимоти ниёгон ва баҳрабардорӣ аз арзишҳо ва муқаддасоти миллию умумибашарӣ комёбиҳои назаррасе дар тарбияи наврасону ҷавонон ба даст омаданд, ки боз ҳам рушд бахшидани онҳо вазифаи муқаддаси педагогикаи муосири миллӣ мебошад.

Муҳимтарин вазифаи маорифи кишвар рушди ҷомеаи инсонӣ, маънавиёт ва мустаҳкам намудани заминаи миллии таълиму тарбия буда, , ҷиҳати баланд бардоштани дараҷаи ахлоқии ҷомеа, махсусан наврасону ҷавонон ҳиссаи беназир мегузорад. Низоми таълиму тарбия ва афкори педагогии миллии муосир, ки тарбияи шаҳрвандони ояндаро ба зимма гирифтааст, бояд ҳама ҷомеа, аз ҷумла насли наврасро бо арзишҳои моддию маънавӣ, назарияҳои пешқадам ва сарчашмаҳои нодир, мероси адибону олимони бузург шинос созад. Ҳадафи асосӣ тарбияи инсони комил, рушди некӯаҳволии он, муҳайё намудани шароити коркарди механизмҳои муассири татбиқи барномаҳои татбиқи рафтори иҷтимоӣ мебошад.

Дар таҳқиқоти худ Ризоева Н. қайд менамояд, ки дар асоси дастовардҳои педагогикаи муосири тоҷик ва бо назардошти ақидаҳои педагогии ниёгон “Консепсияи миллии тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст, ки дар он тарбияи миллии мардум бори аввал ба таври консепсионӣ гузошта шуда, дарк ва ифтихори миллии шаҳрвандон боло

гирифта, афкори умум ба амал меояд. Тарбияи миллӣ дар шаҳрванд сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳувияти миллӣ, инсондӯстӣ, озодандешӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, ташаббускорӣ ва амсоли инро ташаккул медиҳад. Чунин шаҳрванд қодир аст, ки дар пояи манфиатҳои миллӣ фаъолият намояд, нисбати зуҳуроти манфии ҷомеа аз лиҳози танқидӣ назар кунад, Ватани хешро дӯст дорад ва манфиатҳои онро ҳимоя намояд, ҳамчун соҳиби тафаккури миллӣ ва посдори тамаддуни миллӣ дар пешрафти ҷомеа саҳмгузор бошад.

**Мақсади таҳқиқот** аз ҷиҳати педагогӣ ва методологӣ омӯхтан ва асоснок намудани ташаккули худшиносии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ дар фаъолияти беруназтаълимӣ мебошад.

Муҳаққиқ бо дарназардошти таҳқиқот ва фарзияи пешниҳодгардида **вазифаҳои зеринро** иҷро кардааст:

- таҳлили ҷанбаҳои тарбиявии педагогикаи халқӣ, ҷойгоҳ ва мақоми низоми арзишҳои миллӣ ва анъанаҳои фарҳангии халқ дар рушди худшиносии миллии наврасон;
- омӯзиши сатҳи талабот, интизорӣ ва афзалиятҳои нигаронии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ дар самти тарбияи худшиносии миллии наврасон;
- коркарди амсилаи «Барномаи ташаккули худшиносии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ дар фаъолияти берун аз таълимӣ»;
- таҳияи мазмуну мундариҷаи «Барномаи ташаккули худшиносии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ дар фаъолияти берун аз таълимӣ» бо истифода омӯзиши мероси намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир, анъана ва ойинҳои миллӣ, ташкил ва баргузории озмоиши педагогӣ, ки дар рафти онҳо ҳисси мансубият ба арзишҳои маънавии мардум ташаккул ёфта, фаъолияти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ташаккул меёбад;
- истифодаи ҷанбаҳои педагогии омӯзишу пажӯҳиши педагогикаи халқӣ бо назардошти шароити иҷтимоӣ ва технологияҳои муосири педагогии созгор;
- мукаммал кардани дониши педагогӣ ва этнопедагогии наврасон тавассути омӯзиши педагогикаи халқӣ баҳри тарбияи худшиносии онҳо.

**Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки:**

- вазифа, мазмуни шакл ва усулҳои ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон аз нуқтаи назари инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият муайян карда шудааст;
- самараи ҳамкории педагогии ташаккули худшиносии миллии хонандагон, омӯзгорон, гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ, ки дар раванди таҳқиқот иштирок доранд, исбот шудааст.

- хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии наврасон ошкор гардида, дар асоси он роҳҳои бартараф намудани мушкилот дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ муайян карда шуданд.

- “Барномаи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ”, коркард ва асоснок шуда, тавсияҳои методӣ оид ба такмили ин раванд пешниҳод гардид.

- ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон тавассути омӯзиши мероси намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир, анъана ва ойинҳои миллӣ, ташкил ва баргузории идҳое, ки дар рафти онҳо ҳисси мансубият ба арзишҳои маънавии мардум ташаккул ёфта, фаъолияти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ зоҳир мегардад, таҳқиқ гардидааст.

- хусусиятҳои минтақавии ташаккул ва зуҳури худшиносии миллии наврасон муайян гардида, дар ин замина роҳҳои рафъи мушкилот дар вилояту шаҳрҳои ҷумҳурӣ муайян карда шуданд.

**Муқаррароти зерин барои дифоъ пешниҳод карда мешаванд:**

- арзишҳои миллӣ-фарҳангӣ, омӯзиши анъанаҳои миллӣ ва фарҳангӣ дар ҳамгироӣ бо арзишҳои муосири умумибашарӣ истифода мешаванд;

- мақоми тарбиявии арзишҳои миллӣ ба рушди худшиносии миллии насли наврас таъсир расонида, ба ин раванд гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа ҷалб мегарданд.

- «Барномаи ташаккули худшиносии миллии наврасон тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ» таҳия мегардад, ки тавассути он наврасон ба рӯйдодҳои иҷтимоию сиёсӣ ва омӯзиши анъанаҳои таърихию фарҳангии халқ ҷалб гардида, дар онҳо сифатҳои волои инсонпарварӣ, ватандӯстӣ, ҳисси ифтихори миллӣ, хештаншиносӣ, худшиносии миллӣ, башардӯстӣ, садоқату муҳаббати бепоён ба Ватан ташаккул меёбад.

- таваҷҷуҳи наврасон ба рӯйдодҳои иҷтимоию сиёсӣ ва омӯзиши анъанаҳои таърихию фарҳангии халқ, дар асоси таъсири эҳсосӣ ба хонандагон тавассути азхудкунии дониш дар бораи мероси таърихию фарҳангии халқ, ба меъёрҳои ахлоқии рафтор ҷалб мегардад;

- фарогирии мақсадноки наврасон ба чорабиниҳои маърифатӣ ва фарҳангӣ ба табдил додани дониш дар бораи арзишҳои миллӣ ва фарҳангии халқи худ ба худшиносии миллӣ мусоидат мекунанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ дар он ифода меёбад**, ки дар рисола консепсияҳои педагогӣ ва иҷтимоии асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии насли наврас ҷамъбаст карда шудааст; моҳияти педагогии ибораи «худшиносии миллӣ», мазмун ва ҷузъҳои сохтории он муайян карда мешавад; аҳамияти педагогикаи халқӣ ҳамчун

эҳтиёҷоти ангезандае муайян карда мешавад, ки раванди ташаккули худшиносии миллии наврасонро таъмин менамояд. Дар асоси назария ва муқаррароту хулосаҳои таҳияшуда «Барномаи ташаккули худшиносии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ» таҳия ва амалӣ гардид. Барнома имкон медиҳад, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар машгулиятхои берунaзсинфӣ, инчунин гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ба раванди иҷтимоию фарҳангӣ ҷалб карда шаванд, самараи ташаккули худшиносии миллии насли наврасро таъмин намоянд.

Тарбияи инсони комил дар педагогикаи муосири тоҷик бар асоси қадимтарин ақидаҳои педагогии ниёгон сурат мегирад ва яке аз бузургтарин сарчашмаҳои он китоби муқаддаси ориёи бостон "Авасто" мебошад. Китоби муқаддаси "Авасто" "пиндори нек, гуфтори нек ва гуфтори нек"-ро тарғиб мекунад.

Яке аз муҳимтарин вазифа дар рафти таҳқиқот иборат аз он аст, ки аз захираи бузурги таълимоти педагогии мутаффакирони форсу тоҷик ва анъанаҳои фарҳангӣ мавод интихоб гардидааст, ки метавонад барои тарбияи босифати насли наврас мусоидат намояд. Масъалаи мазкур, махсусан дар "Авасто" ва дигар манбаъҳои тоисломии тоҷикон, дар сарчашмаҳои динӣ, осори ахлоқии ниёгони тоҷик, дар адабиёт ва дар асарҳои мушаххасе чун «Қобуснома»-и Унсурмаолии Кайковус, «Гулистон» ва «Бӯстон» -и Шайх Саъдӣ, «Андарзномаи Анӯшервон» -и мансуб ба Бадеъи Балхӣ, «Ахлоқи носирӣ»-и Насириддини Тӯсӣ, «Ахлоқи мӯҳсинӣ» ва «Футувватномаи султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва бисёр дигарон хеле нишонрас баён гаштаанд ва унвонҷӯ онро мавриди омӯзишу хулосабарорӣ қарор додааст.

Тадқиқоти мазкур мутобиқ бо методологияи он дар байни хонандагон, омӯзгорон ва коршиносон гузаронида шудааст. Он танҳо дар асоси назари мусоҳибон таҳия шуда, дидгоҳ, хоста, манфиат, интизорӣ ва эҳтиёҷи имрӯзаи хонандагон ва мусоҳибонро инъикос мекунад. Аз ин рӯ, дар таҳқиқоти мазкур масъала мавриди таҳлил қарор ёфта, барои таҳияи барномаи таълимии ташаккули худшиносии миллии наврасон, байни хонандагони синфҳои болоӣ ва гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ пешбинӣ шудааст. Нуктаҳои зикршуда дар раванди таҳияи барномаи таҳқиқотӣ васеъ истифода шуда, чун сатҳи биниши масъала дар шаҳру ноҳияҳои мавриди назар қарор гирифтаро дар бар мегирад.

Дар идома муқарризони холис Давлатшоев И. - доктори илмҳои педагогӣ, ходими калони шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим; Ҳакимова Ҷ. – номзади илмҳои педагогӣ, сармутахасиси шуъбаи

педагогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба мазмуну муҳтавои диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна андеша ва пешниҳоду эроди худро иброз доштанд. Аз ҷониби муқарризон қайд гардид, ки мавсуф масъалаи таҳқиқотро ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намуда, таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ-озмоиширо дуруст ба роҳ мондааст. Маҷмуи роҳу усулҳоро вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мавриди истифода қарор дода, дар заминаи «Барномаи ташаккули худшиносии миллӣ тавассути педагогикаи халқӣ дар фаъолияти берун аз таълимӣ» бо истифода омӯзиши мероси намояндагони адабиёти классикӣ ва муосир, анъана ва ойинҳои миллӣ, озмоиши педагогӣ ташкил ва баргузор намудааст.

Ҳамин тариқ, бо назардошти муҳокима ва хулосаи муқарризони холис оид ба дараҷаи коркарди масъалаи мазкур бармеояд, ки рисолаи илмии Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзӯи "Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ" кори илмии мустақилона ба анҷомрасида буда, дар он муҳаққиқ ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда муваффақ шудааст.

Натиҷаи корҳои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардидааст. Мақолаҳои дар нашрияҳо илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷуй пурра мазмуни рисоларо фаро мегиранд:

[1-Р] Ризоева Н.М. Арзишҳои миллӣ ҳамчун заминаи ташаккулёбии ҷаҳонбинии миллии насли наврас. //Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – Душанбе. 2020.- № 2 (30). – С. 196-199. - ISSN 2617 – 5320.

[2-Р] Ризоева Н.М. Масъалаҳои назариявии тарбияи худшиносии миллӣ зимни омӯзиши ашъори Лоиқ Шералӣ, моҳият ва сохтори худшиносии миллӣ. [Матн] / Иматзода Л. М., Ризоева Н. М. // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2022.- № 1 (37). – С. 78-83. - ISSN 2617 – 5320.

[3-Р] Ризоева Н. М. Масъалаҳои тарбияи ахлоқӣ ва моҳияти он дар иҷтимоишавии ҷавонон. //Паёми Академияи таҳсилот. – Душанбе. 2022.- №4 (34). - С.174-182 - ISSN 2222 – 9809.

[4-Р] Ризоева Н.М. Ташаккули худшиносии насли наврас дар асоси педагогикаи халқӣ. // Паёми Донишгоҳи миллӣ. – Душанбе. 2023. - №7 (0148). – С. 266-276 - ISSN 2074 –1847.

[5-Р] Ризоева Н. М. Аҳамияти тарбияи худшиносии миллӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ дар ташаккули зеҳни хонандагон. [Матн] / Иматзода Л. М., Ризоева Н. М.// Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. 2024.- № 4 (48). – С. 20-24. - ISSN 2617 – 5320.

*II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашриёҳо ба чоп расидаанд:*

[6-М] Ризоева Н.М. Андоза нигаҳ дор //Дин ва ҷомеа. – Душанбе, 2017- №5(38). – С.14-17.

[7-М] Ризоева Н.М. Ба хотири рӯзгори обод //Фируза. – Душанбе. 2017. - № 4. – С.5 –8.

[8-М] Ризоева Н.М. Ҷавонон, равандҳои муосир ва ҳуввияти миллӣ //Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ «Педагогикаи халқӣ ва таҳсилоти муосир: анъана, таҷриба ва инноватсия» – Душанбе.2019. – С. 44-45.

[9-М] Ризоева Н. Сущность духовных ценностей в формировании мировоззрения подростков // Материалы YI Международной научно-практической конференции «Наука и образование в современном мире: вызовы XXI века». - Нур-Султан. 2021. - С.109-112.

[10-М] Ризоева Н.М. Муносибати дифференсиалӣ дар раванди инкишофи худшиносии миллӣ дар замони муосир //Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ «Таҳқиқоти педагогӣ: мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир». –Душанбе. 2021. – С. 274-277.

[11-М] Ризоева Н. Ҳамкории равонӣ-педагогии омӯзгорону волидон дар тарбияи наврасон. //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ «Нақши донишҳои психологӣ дар пойдории муносибатҳои оилавӣ». - Душанбе. 12.03. 2022. - С.201-205.

[12-М] Ризоева Н. Ташаккули худшиносии шахсияти наврас ва воситаҳои ташаккули он. // Маводи конфреренсияи байналмилалии «Масъалаҳои мубрами назария ва амалияи тадқиқоти педагогӣ: дурнамои инкишофи он дар замони муосир». _ Душанбе, 2023. -С.308-312.

[13-М] Ризоева Н. Педагогикаи халқӣ ҳамчун заминаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии наврасон. // Маводи конфреренсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Хусусиятҳои ташкили раванди босамари таълиму тарбия зимни истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ». _ Душанбе, 2024. -С.188-191.

Бо дарназардошти хулосаҳои муқarrизон ва иштирокчиёни шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ” кори илмии мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи илмии Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон

дар асоси педагогикаи халқӣ”ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) ҷавобгӯ аст.

3. Диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули худшиносии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ” аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030 назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Қарори мазкур дар ҷаласаи васеи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим мураттаб шуда, аз 24 январи соли 2025, протоколи №02 қабул карда шудааст, ки дар он аз узви шурои диссертатсионии 6DКОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон д.и.п. Гулматов Ф. ва д.и.п. Каримзода М. Иштирок намуданд.

Дар ҷаласа 14 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: “Тарафдор” - 14 нафар, “Зид” - нест, “Бетараф” - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа шуъбаи педагогика,
психология ва методикаи таълим
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Л.Иматзода

Котиби ҷаласа Ю.Ҳасанзода

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734063, ҶТ, ш. Душанбе, кӯч. Адхамов 11/2
Тел.: 2 27 62 46, 227 45 25
Суроғаи электронӣ: prmatt@maorif.tj

Имзои Л.Иматзода ва Ю.Ҳасанзода дуруст аст.
Мудири шуъбаи кадрҳои ПРМ ба номи А.Ҷомии АТТ Ҳакимова Х.